ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ
АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2217525

# ФАРМОИШ

аз _26.09___ с.2017 № _804_____ ш. Душанбе

Дар бораи либоси намунавии
кормандони муассисаҳои
тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Бо мақсади ба танзим даровардани сару либоси намунавии тиббии кормандони муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар асоси супориши протоколи ҷаласаи машваратии назди Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Раҳмонзода А.А. аз 11 апрели соли 2017 таҳти №25-2/10-76, тибқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамали либосҳои намунавии кормандони муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба сардорони раёсатҳои тандурустии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, ректорон ва директорони муассисаҳои давлатии таълимии тиббӣ, директорони пажӯҳишгоҳҳо ва муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, сартабибони беморхонаҳои марказии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, роҳбарони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ супориш дода шавад, ки кормандони худро бо либосҳои ягонаи тиббии тасдиқгардида таъмин намоянд. Мӯҳлат доимӣ.
3. Ба муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Камолзода М.) супориш дода шавад, ки намунаи либосҳои ягонаи тиббии кормандони муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар сайти вазорат ворид намояд. Мӯҳлат 7 рӯз.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум Умарзода С.Ғ. ва муовини вазир Одиназода А.А. гузошта шавад.

Вазир Н. Олимзода